Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 28 саҳ).

Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак яке аз мавзуъҳои мубрам ва муҳимтарин дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносиро касб намудааст. Қариб дар тамоми давлатҳои ҷаҳон, кӯдакону наврасон аз мақому ҷойгоҳи афзалиятнок бархӯрдор мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин миён истисно нест, зеро ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак аз самтҳои авлавиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон дар арсаи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Кӯдакон ба гурӯҳи шахсоне дохил мешаванд, ки бештар аз дигарон дар қатори шахсони маъюб, солхӯрда, занони ҳомила ва афроди дорои ихтилофоти равонӣ мавриди табъизу зӯроварӣ қарор мегиранд ва ба ин далел ба ҳимоя ва ғамхории махсус ниёз доранд. Мавзуи мушкилоти кӯдакон, махсусан, кӯдакони ятим, дар маркази таваҷҷуҳ ва фаъолиятҳои муассисаву идороти зиёду мухталифе қарор дорад. Чунин вазъ табиист, ки дар фаъолиятҳои ин муассисаву марказҳо як навъ ҷудоӣ ва чанддастагиро ба вуҷуд меорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, лозим аст, то чунин ихтилоф ва ҷудоӣ дар

фаъолиятҳои вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон аз байн бурда шавад. Зеро танҳо тавассути ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои мухталиф ва вориди як системаи ягона намудани фаъолиятҳову иқдомоти мавҷуд метавон ба натиҷаҳои беҳтару муфидтар дар кори таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ноил шуд.

Новобаста аз ин, масъалаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Абдулхайрзода Ҷ. ба паҳлӯҳои норавшани инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст.

Диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷ. фарогирандаи номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти (маъхазҳо) мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқӣ таҳқиқот асос ёфтаанд.

1. Пажӯҳишгар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдакро дар чор марҳалаи таърихӣ – зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ баррасӣ намуда, бо истифода аз таҷрибаҳои низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик тавсияҳои муҳим пешниҳод кардааст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки «Манфиатҳои модар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Конституцсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ ҳифз шудаанд. Барои амалисозии меъёрҳои муқаррарнамудаи Конституцсия, қонунгузорӣ вобаста ба меҳнат ва оила бо мақсади таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак мақомоти салоҳиятдор ва ваколатдори давлатӣ барои такмили механизмҳои дахлдори мавҷуд ва татбиқи эъломияҳои байналмилалӣ барномаҳои махсус таҳия ва омода месозанд» (саҳ. 22).

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи ҳуқуқи инсон, таълим дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи граждани ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯй 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем:

1. Унвонҷӯй қайд менамояд, ки такмили танзими ҳуқуқии масъалаҳои зиёде доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро ҳангоми ҳалли баҳсҳои судӣ, ки бевосита ба сарнавишти минбаъдаи кӯдакон дахл доранд, зарурӣ медонем (саҳ. 4). Аз унвонҷӯй мехостам равшан намояд, ки таҳти баҳсҳои судӣ, ки бевосита ба сарнавишти минбаъдаи кӯдакон дахл доранд, чиродар назар дорад?

Аммо эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмуъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи

Абдухайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мутахассиси пешбари раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Вализода С.О.

Имзои Вализода С.О-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ВА ҶТ Ҳамдамзода С.Б.

«15» 03 2023 с.

Суроғ:

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рудакӣ 25.

734025, тел: +992 (37) 221-44-05;

Email: info@adliya.tj